| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| И Д О Р А И И Қ Т И С О Д И Ё Т | Инфрасохтори ҳамаи соҳаҳо ҳоло ҳам ба сармоягузорӣ ниёз доранд. Корхонаҳои хурду миёна барои ҳарчи бештар истифода бурдани сармоягузориҳо кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд, ки ин яке аз қувваҳои асосӣ ва пешбарандаи рушди иқтисодии кишвар мебошад. Ҷалби таваҷҷӯҳи донорҳо ба татбиқи лоиҳаҳое, ки барои ҳавасмандсозии ташкили корхонаҳои хурду миёна равона шудааст, фаъолтар мегардад.<br>Боварии мардум ба системаи бонкӣ зиёд гардида истодааст. Сиёсати солимгардонии бонкҳо тавассути таҷдиди сохтор (реструктуризация) ва таҳкими базаи сармояи онҳо идома дорад. Консепсияи омодагии касбии кормандони соҳаи бонкӣ татбиқ карда мешавад.<br>Ақидаи сармоягузории соҳаҳои маблағталаби саноати ҷумҳурӣ ҳоло ҳам диққати махсусро талаб мекунад ва роҳи воқеии маблағгузории ин соҳаҳо ин ташкили Консорсиумҳои молиявию саноатӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ ба ҳисоб меравад | Такмили заминаи ҳуқуқӣ ва ҳавасмандсозии бештари фаъолияти иқтисодӣ ба воситаи барномаи қарздиҳии хурд.<br><br>Таҷдиди бонкҳои заиф<br><br>Омезиши сармояи молиявию саноатӣ | Рушди институтҳои бозоргонӣ барои дастгирии бахши хусусӣ<br><br>Мусоидат ба ташкили миёнаравҳои молиявии ғайрибонкӣ, аз ҷумла иттифоқҳои қарзӣ, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ва қарзии хурд барои дастгирии корхонаҳои хурду миёна | (а) Инвеститсияҳо<br><br><u>Амалкунанда</u><br><br>Барномаи минтақавии азнавсозии мақомоти гумрук ва рушди инфрасохтор<br><br>Лоиҳаи қарздиҳии хурд барои рушди деҳот<br><br><u>Нав:</u><br>Лоиҳаи «Таҷдиди системаи хазинадорӣ»<br><br>Барномаи рушди идоракунӣ ва такмили маъмурикунонии андозҳо<br><br>Барномаи минтақавии таҷдиди мақомоти гумрук ва рушди инфрасохтор (марҳилаи 2)<br><br>Барномаи минтақавии таҷдиди мақомоти гумрук ва рушди инфрасохтор (марҳилаи 3)<br><br>(б) Кӯмаки техникӣ<br>Системаи дурнамо ва таҳлили макроиқтисодӣ;<br><br>Рушди системаи баҳисобгирии муҳосибавӣ;<br><br>Лоиҳаи идораи қарзи беруна;<br>Марҳила ба марҳила ҷорӣ кардани Барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
| --- | --- | --- | --- | --- |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С<br>О<br>Ҳ<br>А<br>И<br><br>К<br>И<br>Ш<br>О<br>В<br>А<br>Р<br>З<br>Ӣ | Масоҳати заминҳои кишоварзӣ 4 млн. 719 ҳазор гектар буда, аз он 3 млн. 856,2 ҳазор гектарашро заминҳои чарогоҳ ташкил медиҳад. Масоҳати заминҳои киштшаванда 704,8 ҳазор гектар, аз он ҷумла, заминҳои обёришаванда 491,5 ҳазор гектар, заминҳои лалмӣ – 213,7 ҳазор гектар мебошанд.<br>Тоҷикистон худ давлати аграрӣ мебошад ва аз ҳамин сабаб ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми маҳсулоти дохилии кишвар 16,8 фоизро ташкил медиҳад.<br>Дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ зиёда аз 36 000 ҳазор хоҷагиҳои инфиродию оилавии деҳқонӣ, 68 хоҷагиҳои кооперативӣ, 284 кооперативҳои истеҳсоли деҳқонӣ, 175 ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият доранд.<br>Нақшаи бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ мустаҳкам гардида истодааст. Ҳаҷми миёнаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 10,6 фоиз зиёд гардид. Дар соли 2009 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ ба 7 млрд. 906,3 млн. сомонӣ ё 3 млрд. 455,1 млн. доллари ШМА-ро ташкил дод, ки ба 10,6 фоизи ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ баробар аст. Дар ҷумҳурӣ ғалла -1 млн. 294,7 пахта -296,1, картошка- 990,9, сабзавот-1 047,2, полезӣ- 424,3, мева- 213,7, ангур 136,5,- гӯшт - 134,4, тухм- 188 млн. 442 ҳазор дона, асал- 2698,8, пашм -5447 ва пилла -1850,1 тонна истеҳсол карда шуд.<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандарти байналмилалии пахта гузашт. ҶСП «Тоҷикистон-ВИС» оид ба таснифоти нахи пахта дар асоси стандартҳои байналмилалӣ таъсис дода шуд. Қайд намудан муҳим аст, ки нахи пахтаи Тоҷикистон бо талаботи байналмилалӣ мутобиқат мекунад. Дар соли 2009 аз ҷониби ҶСП «Тоҷикистон-ВИС» таснифи зиёда аз 1094 ҳазор 451 тонна пахта гузаронида шуда, 95 адад сертификатҳои мутобиқат бо стандартҳои байналмилалӣ дода шудааст. | Баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо озуқа ва таъминоти пурра бо маҳсулоти истеҳсолоти худӣ (сабзавот, полезӣ. картошка, мева, ангур) ва ғайраҳо;<br><br>Дар баробари қонеъ гардонидани бозори дохилӣ зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулот, хусусан сабзавот ва мева;<br><br>Стратегия инҳоро дар бар мегирад:<br><br>чорчубаҳои ҳуқуқии мусоид барои фаъолияти хусусӣ;<br><br>Хусусигардонӣ ва таҷдид дар хоҷагиҳои коллективӣ бо мақсади баланд бардоштани истеҳсолнокии маҳсулоти хоҷагӣ;<br><br><u>Истеҳсолоти кишоварзӣ;</u><br>ба гурӯҳи аҳолии камбизоат дастрас будани захираҳои асосӣ, аз ҷумла обу замин;<br><br>косентратсияи қувва ба фаъолияти танзимкунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди хизматрасониҳо оид ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва ахборотӣ; | Тадбирҳои сиёсат ба худ шомил месозанд:<br><br>пешниҳоди машварат ба хоҷагидорон оид ба соҳаҳои ҳуқуқӣ ва ҷараёни хусусигардонии замин бо мақсади он, ки шаффофият ва адолат дар вогузории замин таъмин гардад;<br><br>барқарорсозии инфрасохтори замин, махсусан системаи ирригатсионӣ ва дренажӣ;<br><br>таҳкими инфрасохтори молиявии деҳот ва муассисаҳои кредитӣ;<br><br>таҳкими хизматрасо-ниҳои байторӣ ва дигар хизматрасонии ёрирасон бо мақсади дастгирии шаклҳои хоҷагидории хусусии нав ба нав вуҷудоянда;<br><br>тадбирҳо дар мавриди роҳ надодан ба дахолати мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба ҷараёни қабули қарор аз ҷониби хоҷагиҳои хусусӣ;<br><br>тадбирҳо оид ба афзоиши истеҳсолоти чорводорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорво дар заминаҳои хусусӣ; | (а) Инвеститсияҳо<br><br><u>Амалкунанда;</u><br><br>Лоиҳаи «Рушди деҳот» Бонки Осиёии рушд;<br><br>Лоиҳаи «Рушди устувори соҳаи пахтакорӣ» Бонки Осиёии рушд;<br><br>Лоиҳаи «Барқарорсозии соҳаи пахтакорӣ» Бонки умумиҷҳонӣ;<br><br>Лоиҳаи «Назорати зукоми парранда ва чорабиниҳо бобати пешгирии саросарии он дар байни аҳолӣ»; БУ<br><br>Лоиҳаи «Инкишофи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва идораи ҳавзаю дарёҳо»; ва ғайраҳо; БУ<br><br><u>Нав:</u><br><br>Лоиҳаи «Коркарди пахта ва рушди бозор»;<br><br>Лоиҳаи «Барқароркунии соҳаи растаниҳои равғании эфирдор ва ташкили минбаъдаи саноати атриёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;<br><br>Лоиҳаи «Рушди соҳаи боғутокпарварӣ хоҷагии Раҳматулло-2005-и ноҳияи Ҳисор»<br><br>Лоиҳаи «Лоиҳаи бунёди хоҷагии парвариши тухмии хушсифати гулмоҳии махалли ва оилахои нави занбури асал дар ҷамоати Ромити шаҳри Ваҳдат»; |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| С<br>О<br>Ҳ<br>А<br>И<br><br>К<br>И<br>Ш<br>О<br>В<br>А<br>Р<br>З<br>Ӣ | | таъмини бехатарии умумимиллии озуқаворӣ; | Либерализатсияи (озодсозии) минбаъдаи бозор; | Лоиҳаи «Рушди чорводории қабилагӣ дар ноҳияи Мӯминободи Вилояти Хатлон, хочагии деҳоти Балхобӣ»;<br><br>Лоиҳаи «Роҳҳои тараққӣ додани соҳаи растанипарварии кооперативӣ истеҳсолии «Шоҳразми боло»-и Ҷамоати Чӯянгарони шаҳри Ваҳдат.<br><br>Лоиҳаи «Обёрии заминҳои хоҷагии деҳқонӣ дар базаи обанбори Утқонсойи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров»<br><br>Лоиҳаи «Барқароркунӣ ва рушди боғу токпарварӣ дар ҷамоати Даҳанақиикқи ноҳияи Хуросони Вилояти Хатлон»<br><br>Лоиҳаи «Рушди соҳаи тухмипарварии Кӯлоб, ноҳияи Вахши вилояти Хатлон»<br><br>Лоихаи рушду барқарорсозии инфрасохтори комплекси сохаи занбури асалпарварӣ дар вилояти Хатлон<br><br>Лоиҳаи «Рушди таҷрибавии соҳаи тухмипарварии хоҷагии ба номи Мукарамоваи шаҳри Истаравшан»<br><br>Лоиҳаи «Рушди соҳаи тухмипарварии хоҷагии Латиф Муродови ноҳияи Ҳисор»<br><br>Лоиҳаи «Рушди соҳаи тухмипарварии хоҷагии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Ҷамоати Зиракӣ»<br><br>Лоиҳаи «Ташкили хоҷагии моҳипарварӣ оид ба парвариши гулмоҳии рангинкамон дар ВМКБ»;<br>Рушди соҳаи қутоспарварӣ дар хоҷагии деҳқонии «Хайр»-и Ҷамоати Навобод, ноҳияи Шуғнон, Вилояти Мухтори |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| СОҲАИ КИШОВАРЗӢ | | | | Кӯҳистони Бадахшон»;<br><br>(б) Кӯмаки техникӣ<br>Лоиҳа оид ба дастгирии бахши саломатии ҳайвонот дар Тоҷикистон;<br><br>Лоиҳаи фавқулоддаи амнияти озуқаворӣ ва воридоти тухмӣ;<br><br>Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ҷамоавӣ ва  идоракунии ҳавзаҳои об;<br><br>Беҳтар намудани нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти чорво ва барқарорсозии чарогоҳҳо;<br><br>Расонидани кӯмаки фаврӣ ба Тоҷикистон дар соҳаҳои аквакултура, чорводорӣ ва инчунин гузаронидани таҳлил ва таҳияи барнома:<br><br>Таъминоти фаврӣ бо хӯрокаи чорво ба фермерони чорвопарвари Тоҷикистон, ки аз офатҳои табиӣ зарар дидаанд:<br><br>Кӯмаки фаврӣ оид ба тақсимоти хӯроки чорво, тухмӣ ва расонидани хизматрасонии клиникии байторӣ ба хоҷагиҳои чорводории камбизоат ва аз офатҳои табиӣ зарардидаи ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон;<br><br>Баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолии минтақаи Хатлон тавассути назорат намудани бемории бурселёз дар байни ҳайвонот ва аҳолӣ |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки  соҳа |
|---|---|---|---|---|

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ТАЪМИНОТИ ОБИ НӮШИДАНИ | Дар ҳамаи шаҳрҳо, ба ғайр аз шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Чкалов, Роғун, Норак, Сарбанд ва марказҳои ноҳияҳо, корхонаҳои коммуналии ба Корхонаи воҳидии давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» тобеъ буда хизматрасониҳоро дар мавриди обтаъминкунӣ, канализатсия, гармидиҳии марказонидашуда, ободонӣ ва кабудизоркунӣ таъмин менамоянд.<br>Шабакаҳои обрасонии қубурии амалкунанда дар системаи таъмини об бештар аз нисфашон дар ҳолати ногувор қарор доранд ва бинобар истифодаи тӯлонӣ ба ивазкунии пурра эҳтиёҷ доранд, инчунин зарур аст, ки таҷҳизоти насосию қудратӣ ва асбобҳои ченкунию баҳисобгирӣ иваз карда шаванд. | Вазифа ва стратегияҳои сектор аз иҷро ва амалӣ сохтани кору тадбирҳое иборатанд, ки дар Консепсияи истифодаи оқилона ва муҳофизати захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2001 №551 тасдиқ шудааст ва Барномаи беҳтар намудани вазъи таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006 таҳти № 514 тасдиқ шудааст. | Тадбирҳои сиёсат шомили инҳоянд:<br>барқарорсозӣ ва таҳкими инфрасохтори обтаъминкунӣ бо мақсади он ки хизматҳои боэътимод оид ба таъмини мунтазами истеъмолкунандагон бо оби тозаи нӯшиданӣ расонида шаванд;<br><br>иҷрои тадбирҳо оид ба муҳофизати захираҳои об;<br><br>фароҳам овардани шароит ҷиҳати кори мӯътадили молиявии корхонаҳо ва афзоиши фоиданокии онҳо; | (а) Инвеститсияҳо<br><br><u>Амалкунанда:</u><br>А)Лоиҳаи рушди инфраструктураи маҳаллӣ (коммуналӣ) дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>Б)Лоиҳаи «Бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ»<br>В) Лоиҳаи барқарорсозии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи Ҷануби ҷумҳурӣ(Данғара, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа)<br><br><u>Нав: аз ҷумла</u><br>Барқарорсозии системаи таъминоти оби ноҳияи Зафаробод;<br><br>Сохтмони қубури обрасонии гурӯҳии Данғара; |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | соҳа | | |
| К<br>А<br>Н<br>А<br>Л<br>И<br>З<br>А<br>Т<br>С<br>И<br>Я | Хизматрасониҳои канализатсионӣ танҳо барои аҳолии шаҳр дастрас аст. Он қариб 28 фоиз аз аҳолии кишварро ташкил медиҳад. Ба таври умумӣ самаранокии истифодабарии иқти-дорҳои истеҳсолии таҷҳизоти тоза-кунӣ қариб 50 фоиз -ро ташкил медиҳад, ки дар натиҷа обҳои ҷоришаванда аз қубурҳо қисман бе тасфияи (софкунии) биологӣ ва механикӣ рост ба дарёҳо мерезанд. Дар роҳи ҷоришавӣ ин дарёю каналҳо инфексияҳоро интиқол дода, ифлоскунандагони таркиби хок низ ба ҳисоб мераванд. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ дар ҷумҳурӣ сатҳи гирифтор- шавӣ ба бемориҳои шадиди клиникии инфексионӣ (сироятӣ) баланд буда, гоҳо бемории домана ва дигар бемориҳои сироятӣ хурӯҷ мекунад. Чунин ҳолат ҳалли бетаъхири проблемаҳои мавҷударо дар системаҳои иншооти тозакунию канализатсионӣ талаб менамояд. | Вазифа ва стратегияҳои сектор татбиқу иҷрои вазифа ва тадбирҳои муайяннамудаи Консепсия оид ба истифодаи оқилона ва муҳофизати захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2001 таҳти № 551 тасдиқ шудааст. | таъмини шароити санитарию гигиении ҳаётан муҳими аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист ва манбаъҳои об аз ифлосшавӣ;<br><br>пешбурди тадбирҳо оид ба муҳофизати захираҳои об;<br><br>ба вуҷуд овардани шароит ҷиҳати кори мӯътадили молиявии корхонаҳо ва афзоиши фоиданокии онҳо; | Барқарорсозии системаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи ш. Қӯрғонтеппа;<br><br>Рушди инфрасохтори мунитсипалӣ;<br><br>Сохтмони иншоотҳои тозакунӣ ва коллектор дар шаҳраки Восеъ;<br><br>(б) Кӯмаки техникӣ<br>• Беҳтар намудани идоракунии соҳаи обтаъминкунӣ ва канализатсия;<br>• Таҷдид ва васеъкунии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи амалкунандаи шаҳру маҳалҳои аҳолинишин (дар асоси лоиҳаҳои АТИ);<br>• Лоиҳакаши, сохтмон ва истифодабарии системаҳои марказонидашудаи нави обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру маҳалҳои аҳолинишин дар деҳот, ки ба хизматрасонӣ оид ба таъмини оби нӯшиданӣ ва канализатсия дастраст намебошад; |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| Ҷ<br>А | Дар ҳамаи шаҳрҳо ба истиснои ш. Душанбе, Хуҷанд, Чкаловск, Роғун,Норак, Сарбанд ва марказҳои | Вазифаи сектор такмили ҷараёни | Барқарорсозӣ ва таҳкими инфрасохтор бо мақсади | (а)Инвеститсияҳо: |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| МЪОВАРӢ ВА ИНТИҚОЛИ ПАРТОВҲО | ноҳиявӣ корхонаҳои коммуналии тобеи Корхонаи вохиди давлатии «Хоҷагии манзиллию коммуналӣ» дар ҷамъоварӣ ва интиқоли ахлот хизмат мерасонанд, вале дар солҳои охир бинобар мавҷуд набудани техникаи махсус ва механизмҳо, инчунин қобилияти пардохт надоштани истифодаба-рандагони ин намуди хизматрасонӣ ҳолати ногувори ҷамъоварӣ ва интиқоли ахлот ба вуҷуд омадааст, ки он дар навбати худ ба бехатарии экологӣ, бавуҷудоӣ ва хурӯҷи бемориҳои инфексионӣ таҳдид менамояд. | ҷамъоварӣ, интиқол ва истифодаи партовҳои сахту моеъ аз қаламрави шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо ва фароҳам овардани шароити мусоиди экологӣ. | расонидани хизмати эътимоднок, ки фароҳам овардани шароити мусоиди экологӣ ва пешгирии паҳншавии касалиҳои сироятиро кафолат медиҳад;<br><br>афзудани иқтидорҳои истеҳсолию техникии корхонаҳои коммуналӣ;<br><br>ба вуҷуд овардани шароит барои кори мӯътадили молиявии корхонаҳо ва зиёд намудани самаранокии онҳо; | Амалкунанда:<br>Лоиҳаи рушди инфраструктураи маҳаллӣ (коммуналӣ) дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>Нав:<br>Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳраки Ҳисор<br>Барқарорсозии системаи обтаъминкунии Ҷамоати Киров, н.Вахш<br>Барқарорсозии системаи канализатсияи шаҳри Қурғонтеппа<br>Барқарорсозии системаи канализатсияи ноҳияи Данғара<br>Барқарорсозии системаи обтаъминкунии ш. Конибодом<br>(б) Кӯмаки техникӣ:<br>Беҳтар намудани шароити зисти аҳолӣ ба воситаи дастрас намудани хизматрасониҳои коммуналӣ. |
| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ИРРИГАТСИЯ | Дар Тоҷикистон 90 фоиз маҳсулоти кишоварзиро аз заминҳои обёришаванда мегиранд. Соҳаи кишоварзӣ соҳаи аз ҳама азими истеъмолкунандаи об ба ҳисоб меравад, ки ба он қариб 94 фоиз захираҳои истифодашавандаи об рост меояд. Дар соҳаи кишоварзӣ қариб 70 фоиз аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъоли ҷумҳурӣ машғуланд.<br>Миқдори умумии заминҳои кишоварзӣ 4,7 млн. га-ро ташкил медиҳад, ки аз он дар айни замон 741.6 ҳаз. гектар обёрӣ карда шудааст. Маблағгузории системаҳои обёрикунанда аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ – 10,5 млн. сомониро ташкил дод<br>Барои расидан ба сатҳи соли 1990 маблағи барқарорсозӣ бояд 746 млн. долл. ШМА-ро ташкил диҳад.<br>Бинобар ҳамин, бадшавии ҳолати инфрасохтори хоҷагии обрасонӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда ба вуҷуд меояд. Ин боиси кам гардидани маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ва сатҳи пасти зиндагии аҳолии минтақаҳои деҳот гардидааст. Дар Тоҷикистон то 42 фоиз заминҳои обёришаванда, қариб 325 ҳаз. га замин ба воситаи стансияҳои насосӣ хизмат расонида мешаванд. Дар ин минтақа қариб 2 млн. нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Қариб 491 стансияҳои азими насосӣ (бо иқтидори истеҳсолии бештар аз 10 мукааб м/сония) мавҷуд аст. Асосан стансияҳои насосӣ дар солҳои 60-70-уми асри гузашта сохта шудаанд ва дараҷаи фарсудашавиашон 70 фоизро ташкил медиҳанд. Ҳолати қубурҳои оби баландфишор низ боиси ташвиш аст.<br><br>Дар натиҷаиислоҳоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон дар заминҳои обёришаванда бештар аз 33,5 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил карда шудаанд. Бинобар ҳамин як қатор душвориҳое пеш меоянд, ки онҳо бо ташкили ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО), ба роҳ мондани ҳисобу китоби обрасонӣ ва ҷамъоварии пардохт барои хизматрасонӣ оид ба расонидани об ба фермерҳо вобастаанд. Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ 191 ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) | Вазифаҳои соҳа аз он иборат мебошад, ки соҳа барқарор гардад, то истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ инкишоф ёбад, инчунин обрасонии кофиро барои аҳолӣ таъмин намояд.<br><br>Зарур аст, ки тадбирҳои зерин таъмин гарданд:<br><br>идораи чараёни қабули қарор оид ба истифодаи об ва хизматрасонии инфрасохторҳо дар маҳалҳо;<br><br>афзоиши худмаблағгузории сектор;<br><br>болоравии ҳосилнокии истифодаи захираҳои об ва замин;<br><br>афзоиши даромаднокии хоҷагиҳои фермерӣ ва хоҷагиҳои дигар;<br><br>Вазифа ва стратегияҳои сектор аз иҷро ва амалӣ | Тадбирҳои сиёсат шомили инҳо мебошанд:<br><br>барқарорсозии систе-маҳои обёрикунӣ ва коллекторию дренажӣ, пеш аз ҳама иншоотҳои ниҳоят заиф дар минта-қаи обёрии мошинӣ;<br><br>барқарорсозӣ ва рушди системаи таъмини аҳолии деҳот бо оби нӯшокии хушсифат;<br><br>беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда;<br><br>барқарорсозӣ ва рушди системаи баҳисобгирии истифодаи об;<br><br>азхудкунии заминҳои нави обёришаванда;<br><br>тезонидани чараёни таш-кили ассотсиатсияҳои истеъмолкунандагони об;<br><br>тадриҷан гузаштан ба усули ҳавзавии идораи захираҳои обӣ ;<br><br>таҳияи механизми иқти-содии истифодаи об, ки<br>дифференсиатсияи пар-дохтҳоро барои об ва расонидани онро вобаста ба шароити конкретӣ таъмин менамояд; | (а) Инвеститсияҳо:<br><br><u>Амалкунанда:</u><br><br>Рушди хоҷагии ҷамоавии деҳот ва идораи обтақсимкунӣ<br><br>Барқарорсозии кишоварзии Тоҷикистон<br><br>Таҷдиди системаи ирригатсия (Барқарорсозии системаҳои ирригатсионӣ)<br><br>Идоракунии хавфи обхезӣ дар вилояти Хатлон<br><br>Обёрии заминҳои водии Данғара (марҳилаи-2)<br><br><u>Нав:</u><br><br>Обёрӣ намудани заминҳои шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод.<br><br>Азхудкунии заминҳои нав дар мавзеи «Қарадум» - марҳилаи дуюм ноҳияи Қумсангир<br><br>Таъминоти иловагии оби наҳри СФК дар пойгоҳи обкашии «Чумчуқ-Ҷар» - и ноҳияи Ашт<br><br>Обёрии ирригатсионии заминҳои шаҳри Кӯлоб аз дарёи Панҷ<br><br>(б) Грантҳо: |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияи соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ИРРИГАТСИЯ | ташкил карда шуда, фаъолият менамоянд.<br>Бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии деҳот аҳамияти стратегӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ доранд. Қариб 30 фоизи шабакаҳои обрасонии қубурӣ дар ҷумҳурӣ бинобар сабабҳои гуногун кор намекунанд, танҳо 51,2 фоизи аҳолӣ аз оби ба воситаи қубурҳо расонидашуда истифода мекунанд, 48,8 фоизи обро бевосита аз ҷӯйборҳо, каналҳо, дарёҳо, чашмаҳо ва манбаъҳои дигари оби аз нигоҳи санитарӣ сифатан номувофиқ истифода мебаранд. Иншоотҳои гидротехникӣ ниҳоят заиф гардида, ҳавзҳои калони об, ҷӯйбору новҳое низ, ки даҳҳо ҳазор гектар<br>заминҳои обёришаванда аз онҳо вобастанд, ба таваҷҷӯҳи махсус ниёз доранд. Бахш аз нарасидани воситаҳои нақлиётӣ, мошинҳои заминкан ва механизмҳо танқисӣ мекашад.<br>Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ислоҳоти хоҷагии оби кишвар тадбирҳо андешида мешаванд. Кодекси нави об (с. 2000), тағйироту иловаҳо ба Кодекси нави об (с 2008), Барномаи миёнамӯҳлати аз бӯҳрон баровардани комплекси агросаноатӣ, Консепсия оид ба истифодаи самаранок ва ҳимояи захираҳои об (с. 2001), Ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ (с .2002) ва Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020 (с. 2006) қабул шудаанд, ки дар онҳо асосҳои ҳуқуқӣ ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи ислоҳоти хоҷагии об муайян гардидаанд. Бо мақсади ба ин сектор ҷалб намудани инвеститсияҳои хориҷӣ Ҳукумат бо Асотсиатсияи Байнал-милалии Рушд-и Бонки Умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёии рушд, Бонки Исломии рушд, ЮСАИД, Фонди Қувайт ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд. Маблағи умумии Созишномаҳои бо институтҳои байналмилалии молиявӣ барои ин сектор ҷиҳати татбиқ дар солҳои 2003-2012 ба маблағи умумии 145,9 млн. долл. ИМА басташудааст. Аз онҳо то 1 январи соли 2010 – 71,2 фоиз азхуд карда шудааст. | сохтани кору тадбирҳое иборатанд, ки дар Консепсияи истифодаи оқилона ва муҳофизати захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020, ки бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2001 №551 ва аз 2 декабри соли 2006 №514, тасдиқ шудааст.<br>Инчунин вазифаҳои мутахассисони соҳа дар Барномаи дигар дарҷ гардидааст: «Барномаи барқарорсозии қубурҳои баландфишор дар пойгоҳҳои обкашии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» | таъмини механизми 100 фоизи пардохти пулӣ барои хизматрасонӣ бо пешпардохти 40 фоиз;<br><br>таъмини барқрасонии имтиёзноки минтақаҳои обёрии мошинӣ;<br><br>дар амал ҷорӣ намудани идораи талабот ба об;<br><br>рушди шаклҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидории обрасонии бозоргонӣ;<br><br>инвентаризатсия ва паспортизатсияи бахши обрасонӣ;<br><br>ислоҳоти системаи хоҷагии об;<br><br>иҷрои тадбирҳо оид ба муҳофизати захираҳои об;<br>ба вуҷуд овардани шароит ҷиҳати кори мӯътадили молиявии корхонаҳо ва афзоиши самаранокии онҳо; | Амалкунанда:<br><br>Идоракунии захираҳои обии водии Фарғона<br><br>Нав:<br><br>Иваз намудани қубурҳои баландфишор дар пойгоҳи обкашии ГНС-2 ноҳияи Зафаробод;<br>Азхудкунии заминҳои нав дар ноҳияи Тавилдара; |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Э Н Е Р Г Е Т И К А | Иқтидори муайянкардашудаи истеҳсолии системаи электроэнергетикӣ 5070 МВт-ро ташкил дода, аз ин миқдор 320 МВт ба ҳиссаи нерӯгоҳои ҳароратӣ рост меояд ва ҳамагӣ 6,3 фоизро ташкил медиҳад. Истеҳсоли қувваи барқ бошад дар системаи энергетикӣ аз захираҳои обӣ ва сӯзишвории мавҷудбуда дар МБГ вобастагӣ дошта, дар як сол ба ҳисоби миёна ба 13 то 17 млрд.кВт.соат баробар мебошад. Айни замон, норасогии қувваи барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон 4-4,5 млрд.кВт.соатро ташкил дода, дар ҷумҳурӣ маҳдудияти истифодабарии қувваи барқ ҷорӣ карда мешавад, ки дар навбати худ ба соҳаҳои иқтисодиёт бевосита таъсир мерасонад. Дар мавсими тобистон бошад, ҷумҳурӣ метавонад бо чунин миқдор барқи иловагиро истеҳсол намояд. Ин омилҳо шаҳодати он аст, ки обанборҳои маҷуда имконияти бакифоягӣ танзими оби дарёҳоро надоранд.<br>Нархномаи пасти тарифҳои қувваи барқ ба носолимии ҳолати техникии истеҳсолот, камчинӣ, талафот, зиёд шудани талабот, хусусан аз ҷониби аҳолӣ ба қувваи барқ оварда мерасонад. Аз ҳама истифодабарандагони азими саноатӣ КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» ва барои эҳтиёҷоти хоҷагии қишлоқ пойгоҳҳои обкашӣ ба ҳисоб меравaнд, ки ба онҳо мутаносибан 40 фоиз ва 15 фоизи иқтидори умумии бори системаи энергетикӣ рост меояд.<br>Дар мавсими зимистон ин омилҳо, инчунин шиддатгирии масимии талабот ба қувваи барқ, камшавии маҷрои дарёи Вахш ва коҳиш ёфтани истеҳсол дар НБО-и «Норак», боиси зуд-зуд хомӯш шудани қувваи барқ мегардад. Камшавии интиқоли гази табиӣ, истеҳсоли ангишт ва баланд рафтани нархи молу маҳсулоти воридотӣ сабаби асосии зиёд гардидани истифодабарии қувваи барқ аз тарафи гурӯҳи истифодабарандагон мебошад.<br>Новобаста аз ин омилҳо ва кӯҳнаю фарсуда будани воситаю таҷҳизотҳо, соҳаи электроэнергетикаи ба души худ талафоти минималӣ бардошта, дар давраҳои мушкилтарин мамлакатро бо қувваи барқи арзон таъмин намуд. | Таъмини босуръати гузариши иқтисодиёти мамлакат бо роҳи ривоҷ додани масъалаҳои самаранокии энергия ва сарфаҷӯии энергия, паст намудани энергияталабии маҳсулоти умумии дохилӣ дар асоси фароҳам овардани шарту шароитҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ ва дигар шароитҳое, ки самаранокии баланди истифодабарии захираҳои энергетикӣ, инчунин бехатарии энергетикиро таъмин менамояд. | Бо мақсади таъмини бехатарии энергетикии ҷумҳурӣ самтҳои афзалиятноки рушд дар давоми солҳои 2010 -2015:<br><br>-таҷдид ва навсозии Силсиланеругоҳҳои Сарбанд, Зарафшон, Норак Вахшу Варзоб, НБО-и «Қайроққум», МБГ-и Душанбе ва Ёвон, ба анҷом расонидани сохтмони НБО-и «Сангтӯда-2», навбати аввали НБО-и «Роғун» ва сохта ба истифода додани 187 адад нерӯгоҳҳои барқи обии хурд, ки дар натиҷа 13,0 млрд.кВт.соат қувваи барқи иловагӣ истеҳсол карда мешавад;<br>Сохтмони Нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ дар шимоли кишва;<br>Дар заминаи ҷорӣ намудани истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия, бо қувваи барқ таъмин намудани аҳолии ҷумҳури, ки аз шабакаҳои марказии таъминоти барқ дар масофаҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд. | Сохтмони НБО-и «Сангтуда-2» (220МВт)<br><br>Сохтмони навбати аввали НБО-и «Роғун» 2х400 = 800МВт<br><br>Сохтмони НБО-и «Зарафшон» (150 МВт)<br><br>Сохтмони НБО-и «Нуробод-1» (350 МВт)<br><br>Сохтмони НБО-и «Нуробод-2» (200 МВт)<br><br>Сохтмони НБО-и «Обурдон» (140 МВт)<br><br>Сохтмони НБО-и «Фондарё» (300 МВт)<br><br>Сохтмони МБГ-и «Душанбе-2» (270 МВт)<br><br>Сохтмони НБО-и «Шӯроб» (850 МВт)<br><br>Таҷдид ва навсозии НБО-и «Норак»<br><br>Сохтмони НБҲ-и «Шӯроб» бо истифода аз ангишт (шаҳри Исфара) (300МВт)<br><br>Таҷдид ва навсозии НБО-и «Қайроққум»<br><br>Сохтмони НБО-и «Дупула» (90 МВт)<br>Сохтмони НБО-и хурди барқӣ (103МВт) |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Э Н Е Р Г Е Т И К А | Дар ҷумҳурӣ дар як сол бештар аз 110-120 ҳаз.тон. нахи пахта истеҳсол карда мешавад, ки бинобар | Ноил шудан ба коркарди пурраи нахи пахта дар ҷумҳурӣ. | Татбиқи «Консепсияи рушди саноат» ва | Лоиҳаи таъсиси корхонаи ресандагӣ, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| САНОАТИ САБУК | сабаби бо техникаю технологияи нав муҷҷаҳаз набудани корхонаҳои саноати бофандагӣ, 90 фоизро нахи пахта содир карда мешавад. Барои ноил шудан ба коркарди пурраи нахи пахта дар ҷумҳурӣ ду барномаи давлатӣ қабул карда шудааст. | | «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ» | кешбофӣ ва дӯзандагӣ дар ш. Душанбе |
| МАВОДИ СОХТМО | Корхонаро дар асоси ҶСШК «Комбинати коркарди маъданҳои кӯҳӣ», ки суроғаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ноҳияи Ҷаббор Расулов, пгт. Пролетар мебошад пешниҳод карда мешавад.<br>Захираҳои умумии кони хокаи квартси «Курғончи» 40 млн. тоннаро ташкил медиҳад. Маҳсулдиҳии корхона 300 ҳазор тонна.<br><br>Заводи сементбарории Шаҳритус. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Шаҳритус.<br>Кони оҳангсанг «Тюн-Тау» кони гаҷ «Киз-Имчик» ва гилхок «Водораздельное»<br>Иҷозатнома аз ҶСШП «Ширкати холдинги И.Сомонӣ» гирифта шудааст | Сохтмони корхонаи шишабарорӣ бо иқтидори:<br>Шиша барои тиреза – 15 ҳаз.м2 дар як сония<br>Шишаи сурохӣ 0.33 л-7.5 млн. адад<br>Захираҳои кон: 40 млн. тонна<br><br>Сохтмони корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори 1,0 млн. дар як сол.<br>Нархи лоиҳа: 200 млн. | Таъминоти истеъмоли маҳсулоти шишагӣ дар ҷумҳурӣ ва дар кишварҳои ҳамсоя (Афғонистон ва Покистон)<br><br>-таъмин намудани ҷумҳурӣ бо семент ва содироти он | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Н<br><br><br>М<br>А<br>В<br>О<br>Д<br>И<br><br>С<br>О<br>Х<br>Т<br>М<br>О<br>Н | Корхонаи истеҳсолкунандаи хишти сафолӣ дар ноҳияи Балҷувон. Кони гилхоки «Рӯи об» | дол. ИМА.Захираҳои кон: Оҳаксанг 578,3 млн. тн. Гаҷ 9,7 млн. тонна, Захираҳои пешаки банақшагирифташуда 36,9 млн. тонна, Хок 64,7 ҳаз. тонн<br>Сохтмони корхонаи хурд оид ба истеҳсоли хишти сафолӣ бо иқтидори 5 млн. адад дар як сол дар хоҷагии «Автомобилист»-и ноҳияи Балҷувон.<br>Нархи лоиҳа : 663 ҳазор дол. ШМА.<br>Захираҳои кон: 2,3 млн. тонн. | -таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар минтақа | |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| НАҚЛИЁТ ВА КОММУНИКАТСИЯ | Соҳаи нақлиёт қисми ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ буда, дар рушду нумуи иқтисоди миллӣ ва беҳбудии ҳаёти аҳолӣ саҳми арзандае дорад.<br>Ба ҳамагон маълум аст, ки 90 фоизи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳҳо тартиб медиҳанд ва Тоҷикистонро дар бунбасти коммуникатсионӣ қарор додаанд.<br>Инчунин қайд кардан ҷоиз аст, ки тақрибан 90 фоизи боркашониҳои дохилӣ тариқи нақлиёти автомобилӣ амалӣ шуда истодааст. Рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳам бо давлатҳои хориҷи наздик ва ҳам бо давлатҳои хориҷи дур ба рушди соҳаи нақлиёт низ алоқаманди дорад.<br>Дарозии умумии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умуми дар мувозинаи вазорат буда, ҳамагӣ 13 978 км-ро ташкил медиҳанд.<br>Бо мурури замон бисёре аз онҳо сифати техникии худро гум кардаанд. Аз ин лиҳоз соҳаи нақлиёт бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи стратегӣ эълон карда шуда, барои сохтмон, таъмир ва барқарорсозии роҳҳо маблағҳои калоне ҷудо гардида истодаанд, ки фисади зиёди онро маблағҳои инвеститсияи хориҷӣ ташкил медиҳанд.<br>Соҳаи роҳи оҳан низ соҳаи стратегӣ буда, ба воситаи он асосан ҳамлу нақли байналхалқӣ амалӣ мегардад. Роҳи оҳани Тоҷикистон аз 3 қисмат иборат буда, пайвастшавӣ байни онҳо тариқи Роҳи оҳани Узбекистон ва Туркменистон амалӣ мегардад.<br>Қисмати асосии онҳо дар ҷануби ҷумҳурӣ мавҷуд буда, пойтахти ҷумҳуриро бо қисматҳои саноатии он (водии Ҳисор ва Вахш) ва давлатҳои беруна мепайвандад.<br>Солҳои гузашта бо фарорасии фасли зимистон ағбаҳои асосӣ, ки онҳо маркази ҷумҳуриро бо шимол | Вазифаҳои соҳа<br>Таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи нақлиётӣ-коммуникат-сионӣ дар соҳаи нақлиёт, алоқа ва информатизатсия, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба интиқол, хизматрасониҳои нақлиётӣ – коммуникатсионӣ равона гардидаанд;<br><br>идоракунӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорати давлатӣ ва батанзимдарории фаъолияти комплекси нақлиётӣ - коммуникатсионӣ;<br><br>фароҳам овардани шароит барои бехатарии фаъолияти комплекси нақлиётӣ - коммуникатсионӣ;<br><br>таҳияи накшаи рушди комплекси нақлиётӣ – коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи онҳо дар асоси барномаҳои мақсадноки | Пешбурди сиёсати давлатӣ ва танзими меъёри ҳуқуқӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ, нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ, шаҳрӣ, барқӣ ва саноатӣ, хоҷагии роҳҳо, технологияҳои иттилоотӣ, алоқаи барқӣ ва почтавӣ, аз ҷумла, соҳаи истифодабарии тенологияҳои иттилоотӣ, ташаккули захираҳои давлатии иттилоотӣ ва таъмини дастраси онҳо, рушди системаҳои радиошунавонӣ ва телевизион, истифодабарӣ ва конверсияи спектри радиобасомадҳо.<br>Таҳияи ва пешниҳоди лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии дигар, ки тартиби фаъолияти комплекси нақлиётӣ-коммуникатсиониро муайян мекунанд ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>Назорати иҷрои санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар доираи салоҳияти худ ва таҳлили | I. Амалишудаистода<br><br>1. Сохтмони роҳи автомобилгарди Душанбе-Данғара;<br>2. Сохтмони роҳи автомобилгарди Дӯсти-Панҷи Поён<br>3. Сохтмони роҳи автомобилгарди Қурғонтеппа-Дӯстӣ<br>4. Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаи хумб<br>5. Сохтмони роҳи автомобилгарди Шоҳон-Зиғар фазаи 3.<br>6. Сохтмони роҳи оҳани Душанбе-Қурғонтеппа дар қитъаи Ваҳдат-Ёвон.<br><br>I.I. Аз он ҷумла Грант<br>1. Сохтмони роҳи автомобилгарди Дӯстӣ-Панҷи Поён.<br>2. Сохтмони роҳи автомобилгарди Қурғонтеппа-Дӯстӣ<br><br>II. Нав<br>1. Таҷдид ва барқарорсозии роҳи автомобилгарди Душанбе-Турсунзода;<br>2. Сохтмони роҳи автомобилгарди Айнӣ-Панҷакент;<br>3. Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара-Балҷувон-Сари Хосор-Гулдара;<br><br>4. Сохтмони хати нави роҳи оҳани |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| НАҚЛИЁТ ВА КОММУНИКАТСИЯ | мепайванданд ва бисёре аз маҷмуи умумии боркашониҳо ба ин восита амалӣ мешуданд, баста мешуд. Хушбахтона ин камбудиҳо ҳали худро ёфта истодаанд. Бо кушодашавии нақби «Истиқлол» ва таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Чанок бо сохтмони нақби «Шаҳристон», ки ба итмом расии он охири соли 2009 дар назар аст, ҳамаи ин камбудиҳо бартараф карда шуда, рушди соҳаи нақлиёт суръати нав мегирад.<br>Ногуфта намонад, ки айни замон сохтмон ва барқарорсозии роҳҳо, купрукҳо ва нақбҳо қариб, ки дар ҳама самтҳои ҷумҳурӣ амалӣ шуда истодаанд, ки бо амалӣ гаштани онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, ба яке аз ҷумҳуриҳои транзитӣ табдил хоҳад ёфта, ҳамкориҳои иқтисодӣ бо давлатҳои хориҷи дуру наздик суръати нав мегиранд.<br>Дигаргуниҳо дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ низ дида мешаванд, ки татбиқи Нақшаи реструктуризатсияи ҶСК «Тоҷик Эйр», ва оғози корҳои сохтмонии терминали нави замонавии ш. Душанбе шаҳодати он мебошанд. Инчунин бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии ҳавопаймоӣ тайёраҳои навъи «Ғарбӣ»-и бо истифода аз лизинги «Тар» дастрас шуда истодаанд. | давлатии миллӣ, байнидавлатию соҳавӣ;<br>Стратегияи соҳа<br>Баровардани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, тариқи сохтмон, таҷдид ва барқарор-созии роҳҳои автомобилгард, нақбҳо ва пулҳо;<br><br>Зиёд намудани ҳаҷми роҳҳои сифатан қаноатбахш ва таҷдидшуда, аз шумораи умумии роҳҳо. Тақвият бахшидан ба рушди ҳамкориҳои боркашониҳои байналхалқӣ;<br><br>Иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии миллӣ ва консепсияи рушди комплекси нақлиётӣ – коммуникатсионӣ, дар ташаккул ва татбиқи барномаҳои байнидавлатӣ ва байнисоҳавӣ;<br><br>Мусоидат бахри ворид намудани техникаю технологияҳои нави иттилоотонӣ дар системаи алоқаи ҷумҳурӣ;<br><br>Дастрасии деҳаҳо ва минтақаҳои кӯҳистони кишвар бо манбаҳои маълумот ва алоқа. | таҷрибаи татбиқи онҳо дар комплекси нақлиётӣ – коммуникатсионӣ;<br><br>Иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии миллӣ ва консепсияи рушди комплекси нақлиётӣ – коммуникатсионӣ, дар ташаккул ва татбиқи барномаҳои байнидавлатӣ ва байнисоҳавӣ;<br>Дар доираи салоҳияти худ ташкил ва ҳамоҳангсозии иҷрои ӯҳдадориҳои шартномаҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои байниҳукуматии марбут ба масъалаҳои фаъолияти комплекси нақлиётӣ – коммуникатсионӣ ва бо тартиби муқарраргардида муаррифӣ намудани манфиатҳои ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ; | Колхозобод-Панҷи Поён-Қундуз;<br>5. Дастрасии 2000 адад вагонҳои боркаши болопӯшида ва қисмҳои эҳтиётӣ;<br>6. Дастрасии 100 адад вагонҳои мусофирбар;<br>7. Шабакаи маълумотии IP барои ҶТ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Рушди шабакаи глобалии ТИК.<br>Мусоидат баҳри рушди ҳамкориҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ дар соҳаҳои алоқа, нақлиёт ва иттилоот | | |
| А<br>Л<br>О<br>Қ<br>А | Соҳаи алоқа яке аз соҳаҳои тарақикунанда буда, сол то сол тарзҳои нави хизматрасонӣ пешниҳод гардида истодаанд. Ниёзи мардум бо алоқаи бесим ва дигар намуди хизматрасониҳои алоқа ва иттилоотонӣ сол то сол меафзояд. Бо мақсади таъмини хизматрасонии босифати алоқа айни ҳол системаҳои куҳнаи анологӣ бо ситемаҳои нави рақамӣ иваз карда шудаанд. Айни замон ҳаҷми рақамикунонии соҳаи алоқа тақрибан 85 фоизро ташкил медиҳад.<br>Рушди соҳаи алоқа сол то сол суръати нав гирифта истодааст. | | | |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| М<br>А<br>О<br>Р<br>И<br>Ф | Солҳои охир дар соҳаи маориф дастовардҳои мусбӣ бисёр ба мушоҳида мерасанд. Фаъолнокии мақомотҳои идораи давлатӣ вобаста ба ҳал намудани проблемаҳои соҳаи маориф ба мушоҳида мерасад, ки бозгӯии амалӣ шудани сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳа мебошад.<br>Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3817-мактаби таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, 662- мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 7-ғоибона, 3767-мактаби таҳсилоти умумии рӯзона, аз он ҷумла, 609-мактаби ибтидоӣ, 762-мактаби таҳсилоти асосӣ, 2203-мактаби таҳсилоти миёна, 84-гимназия, 51-литсей, 41-мактаб –интернат ва 43- филиал, 9 -мактаби хусусӣ ва 8-мактаб кудакистон фаъолият доранд.<br>То 1 ноябри соли 2009 дар ҷумҳурӣ, 194-мактаб дар ҳолати садамавӣ, 122 -мактаб ба таъмири асосӣ ниёздошта, 55 адад мактаб дар вагонхонаҳо ва 56 адад мактаб дар хонаҳои шахсӣ ҷойгир мебошанд.<br>Ҳоло дар мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 25 ҳазор адад мизу курсӣ барои талабагонӣ синфҳои 5-11, 4500 дона тахтаи синфи барои синфҳои 5-11 ва 2900 дона мизу курсӣ барои омӯзгорон намерасад.<br>Нашри китобҳои дарсӣ: Тибқи барномаи давлатии «Таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ» барои солҳои 2007-2010 мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 620 номгӯи китобҳои дарсӣ бо теъдоди 5 млн. нусха ниёз дорад. Аз он ҷумла, барои мактабҳои таълимашон бо забони русӣ-132 номгӯй бо теъдоди 408427 нусха, барои мактаҳои таълимашон бо забони ӯзбекӣ 132 номгӯй бо теъдоди 4333542 нусха, барои мактабҳои таълимашон бо забони қирғизӣ 123 номгӯй бо теъдоди 142 482 нусха, барои мактабҳои таълимашон бо забони туркманӣ бошад 141 номгӯйи китобҳои дарсӣ бо теъдоди 38961 нусха лозим аст.<br>Такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф яке аз рукнҳои асосииислоҳоти маориф ба ҳисоб рафта, диққати ҳарчӣ бештар ва аз тарафи давлату ҳукумати кишвар бахри боз ҳам хубтар ба роҳ мондани такмили ихтисоси омӯзгорону кормандони соҳаи маориф сол аз сол диққати бештар равона менамоянд. Мутаассифона барои бартараф намудани норасоиҳои ҷойдошта айни замон чораҳои андешидашуда, нокофӣ буда, барои пурра ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифтани кормандони маориф маблағузории иловагӣ зарур аст.<br>Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ҳамасола на камтар аз 20 фоизи (19200 нафар) кормандони соҳаи маориф ба КТИ фаро гирифта | Стратегияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он равона шудааст, ки то соли 2015 ҳамаи кӯдакон барои гирифтани таҳсилоти сифат-ноки ҳатмии асосӣ фаро гирифта шаванд. Баробарии гендерӣ дар ҳамаи соҳаҳои маориф таъмин гардад.<br><br>Беҳтаркунии ҳолатҳои физикии инфраструктураи соҳаи маориф.<br>Таъмини сифатнокии таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳо мувофиқи Барномаи байналмилалии «Маълумот барои ҳама» ва Барномаи тараққиёти ҳазорсола.<br>Беҳтар кардани идоракунии системаи маориф бо роҳи ривоҷдиҳии ғайри марказонидашуда.<br>Сохтмон, барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ, таҷҳизот, тайёрӣ ва баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон, мустаҳкам намудани сармояи инсонӣ дар соҳаи маориф ва системаи идоракунии информатсионии сохаи маориф (ИСУО), китобхои таълимӣ ва баходихии дониши | Дар доираи гузаронидани ислоҳот ва таҷдиди системаи таҳсилоти умумӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул кардшудааст: Аз он ҷумла<br>1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои маориф» (2004),<br>2.Консепсияи таҳсилоти миллӣ барои солҳои 2004-2009,<br>-Расонидани кӯмак ба мактабҳои деҳот (махсусан дар ноҳияҳои дурдасти деҳот) дар давраи зимистон;<br>-Китобҳои дарсӣ дар асоси Нақша ва барномаҳои нав ба чоп омода карда шаванд.<br>-Аз соли 2006 сар карда, муассисаҳои таълимии омӯзгорӣ нақшаи қабули донишҷӯёнро дар асоси ҳамгироии як қатор фанҳо ва тайёр кардани омӯзгорон барои ду фанни таълимӣ аз нав дида баромада мешавад;<br>-Муаллимони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, ҳатман бояд аз курси такмили ихтисос гузаранд, то ин ки аз рӯи барномаи нав на аз рӯи як фан, балки аз рӯи якчанд фан дарс гӯянд.<br>-Қисми барқароркунии ин-фраструктураи мактабҳои таҳ-силоти умумӣ, барқарорсозӣ ва сохтмони шабакаҳои обрасонӣ ва ташнобҳои | (а) Инвеститсияҳо<br>Амалкунанда:<br><br>Лоиҳаи таҷдиди соҳаи маориф (Бонки умумиҷаҳонӣ).<br><br>Таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна; (марҳилаи 2) (Бонки исломии рушд)<br><br>«Ба анҷом расондани сохтмони панҷ мактаби миёна ва дастрас намудани таҷҳизот» марҳилаи 2. (Фонди рушди Саудӣ)<br><br>Нав:<br><br>Ислоҳоти соҳаи маориф (марҳилаи 2) (Бонки Осиёии рушд)<br><br>Компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br><br>Таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна; (марҳилаи 3) (Бонки исломии рушд)<br><br>Дастрас намудани таҷҳизот барои муассисаҳои томактабӣ.<br><br>Сохтмон, таъмир ва барқарорсозии муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ.<br><br>Бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон ва таҳким бахшидан ба малакаҳои касбии омӯзгорон.<br><br>Сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои омӯзгорони ноҳияҳои дурдасти |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| М А О Р И Ф | шаванд. Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 96000 омӯзгорон фаъолият менамоянд. Аз ин шумора 3767 нафар сарварони мактабҳо мебошанд. Нишондиҳандаҳои имрӯза ҳамагӣ 10-12 фоиз (11500 нафар) -ро дар бар мегирад. Аз шумораи умумии кормандон дар маҷмӯъ 8000 нафар омӯзгор ва 300 нафар сарварони мактаб ҳамасола бо сабаби нарасидани маблағгузорӣ ба КТИ фаро гирифта намешаванд. Дар ин ҳолат мӯҳлати ба КТИ ҷалб намудани омӯзгорон ба 7 то 10 сол мерасонад.<br>Курсҳои такмили ихтисосе, ки дар доираи ичрои нақшаи такмили ихтисоси омӯзгорон дар ҷумҳурӣ доир мегарданд, барои пурра ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифтани омӯзгорон имкон надорад ва қисмате аз омӯзгорон аз он дур мемонанд ва барои бартараф намудани ин норасоӣ маблағгузории иловагӣ лозим аст.<br>Хулосаҳо;<br>Барои баромадании соҳаи маориф аз таъсири бӯҳрон зарур аст, ки дар навбати аввал сафарбаркунии маблағҳои буҷетӣ ва сармоягузории хориҷӣ барои маблағгузории самтҳои афзалиятноки соҳа, пеш аз ҳама барои баланд бардоштани музди меҳнати кормандон, бартараф намудани номутаносибии байни соҳавӣ ва то андозаи музди меҳнати миёна дар ҷумҳурӣ баланд бардоштани он мебошад. | хонандагон. | алоҳида;<br>-Баланд бардоштани маоши кормандони соҳаи маориф;<br>-Ҷорӣ намудани идрорпулии таъинотӣ барои хонандагони мактаб.<br>5. Соли 2005 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 қабул карда шуд<br>6.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2008, №436 Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015 тасдиқ шудааст.<br>7.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, №254 Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 тасдиқ шудааст.<br>8.Нақшаи тадбирҳои таҷлили Соли маориф ва фарҳанги техникӣ, к ибо қарори ҲҶТ аз 2.12.2009 №667 тасдиқ шудааст | Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br><br>(б) Кӯмаки техникӣ<br>-ислоҳоти системаи тайёркунии омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ;<br>-беҳтар намудани ҳолати санитарию гигиенӣ дар соҳаи таҳсилоти умумӣ;<br>-таҳия ва ҷорӣ намудани системаи мониторинги сифати таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ.<br>-Лоихаи гранти Фонди каталитикӣ соли 3 ва 4 (Бонки умумиҷаҳонӣ)<br>-татбиқи нақшаҳо бо мақсади ташкилкунии таоми мактабӣ;<br>-мустаҳкам гардони-дани таъсири илм ва технология дар пешрафти иҷтимоию иқтисодии давлат;<br>-такмил додани тайёрии ибтидоӣ ва касбӣ. |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| Т А Н Д У Р У С Т Ӣ | Ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳолати тандурустӣ таъсири манфӣ расонд. Дар баробари ин, пастравии истеҳсолот, сатҳи пасти заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, аз кор рафтани кадрҳо, мушкилоти молиявӣ ва проблемаҳои дигар системаи камсамараи хизматрасонии тиббиро боз ҳам хароботар кард. Соҳаи тандурустӣ асосан аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешавад, инчунин дар доираи барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва муштарак аз ҷониби як қатор ташкилотҳои байналмиллалӣ дастгирӣ меёбад. Системаи маблағгузории тандурустӣ нобаробар буда, ба талаботи аҳолӣ ва соҳа ҷавобгӯй нест. Пастравии мақоми тандурустӣ дар байни аҳолӣ ва пастшавии сифати хизматрасонии тиббӣ, сабабҳои гузаронидани ислоҳоти соҳаи тандурустӣ мебошанд.Дар робита бо ин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2002, № 94 «Консепсияи ислоҳоти тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шуд. Консепсияи мазкур рукнҳои асосии ислоҳоти соҳаи тандурустиро муайян менамояд. Ислоҳоти соҳа тағйироти сохтори системаи хизматрасонии тиббӣ ва рушди босифати кӯмаки аввалияи тиббию санитариро (КАТС), ки ба ҷорӣ намудани тиббӣ оилавӣ, тағйироти маблағгузории тандурустӣ ва тартиби пардохти маблағи хизматрасонандагони тиббӣ, заминаи иттилоотии идора ва иштироки аҳолӣ дар ҳалли масъалаҳои тандурустӣ асос ёфтаанд, дар бар мегирад.<br><br>Заминаи меъёрии вазифаҳои муассисаҳои КАТС-ро танзимкунанда ва дастур оид ба идоракунии муассисаҳои КАТС таҳия шудааст.<br><br>Дар доираи тағйири сохтори системаи хизматрасонии тиббӣ дар сатҳи КАТС: оид ба аз нав ташкил намудани сохторҳои муассисаҳои КАТС, дида баромадани вазифаҳои тахассусии онҳо тадбирҳо андешида шуда, хонаҳои тиббӣ (бунгоҳҳои фелдшерию акушерии собиқ) ба бунгоҳҳои саломатӣ | Вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ҷараёни ислоҳоти соҳаи тандурустиро дар доираи татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон дастгирӣ намояд.<br><br>Таҷдиди системаи расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитариро, ки ба принсипҳои тибби оилавӣ асос ёфтааст, ки ба вусъату дастгириии инвестит-сионӣ ниёз дорад.<br><br>Ҳамчунин дар мушаххаскунии афзалиятҳои ислоҳоти соҳаи мазкур дар солҳои наздик зарурат пеш омадааст ва дар ин маврид бояд ба рушди барномаҳо дар соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ, дастрасии аҳолӣ (махсусан табақаҳои камбизоат) ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ диққат дода шавад.<br><br>Стратегия инҳоро фаро мегирад:<br><br>Тағйироти сохтори системаи расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ; | Тадбирҳои сиёсат инҳоро фаро мегирад:<br><br>ноил шудан ба мақсадҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола оид ба паст кардани сатҳи фавти модарон ба 75 фоиз ва фавти кӯдакон ба 65 фоиз, пешгирии паҳншавии ВИЧ/СПИД ва оғози тамоюли кам кардани беморшавӣ;<br><br>боздоштани паҳншавии домана ва дигар бемориҳои сироятӣ, оғози тамоюл дар коҳиши ин бемориҳо то соли 2015, ки аз Ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон бармеояд:<br><br>аз нав дида баромадани мақом ва вазифаҳои муассисаҳои КАТС;<br><br>рушди заминаи клиники омодасозии духтурони тибби оилавӣ ва ҳамшираҳои тибби оилавӣ;<br><br>аз нав ташкил кардан ва модернизатсияи хизматрасониҳои тиббӣ барои тақсими баробари захираҳо ва беҳбуди | (а) Инвеститсияҳо<br><br>Амалкунанда<br><br>1. Тандурустии ҷамоавӣ ва заминавӣ;<br><br>2. Ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ва дастгирии тибби оилавӣ (Сино);<br><br>3. Сохтмон ва маҷаҳҳазгардонии Беморхонаи бисёрсоҳавии байниноҳиявии вилояти Хатлон;<br><br>4. Барномаи мубориза бар зидди бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаи 2.;<br><br>5. Рушди хадамоти ҳифзи саломатии модару кӯдак дар деҳотбудаи вилояти Хатлон,марҳилаи 1 (Бонки олмонии рушд);<br><br>6. Таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии таваллудхонаи вилоятӣ ва шаҳрии вилояти Суғд (Хазинаи саудии рушд);<br><br>Нав:<br><br>1. Барномаи Мубориза бар зидди бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаи 3;<br><br>2. Тандурустии ҷамоавӣ ва заминавӣ, Марҳилаи 2;<br><br>3. Рушди хадамоти ҳифзи модару кӯдак дар деҳотбудаи вилояти Хатлон, марҳилаи 2 (Бонки Олмонии рушд); |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ТАНДУРУСТӢ | табдил дода шудаанд, амбулаторияҳои деҳот ва аксари беморхонаҳои минтақавии деҳот ба марказҳои саломатии деҳот, дармонгоҳҳои маркази ноҳиявӣ ба марказҳои саломатии ноҳиявӣ, дармонгоҳҳои шаҳрии мустақил ё муттаҳида ба марказҳои саломатии шаҳрӣ мубаддал гардиданд:<br>- дар муассисаҳои КАТС ш. Душанбе, марказҳои вилоятҳо ва ноҳияҳои таҷрибавӣ кор дар асоси таҷрибаи тибби оилавӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ҷумҳурӣ бештар аз 2000 духтурони тибби оилавӣ ва 1721 ҳамшираҳои тибби оилавӣ тайёр карда шудаанд. Амбулаторияҳо, шӯъбаҳои оилавӣ ва гурӯҳҳои духтурони тибби оилавӣ ташкил карда шудаанд.<br>Бо мақсади рушди заминаи меъёрию ҳуқуқии тибби оилавӣ дар доираи Лоиҳаи ислоҳоти системаи тандурустии Тоҷикистон лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои воҳиди корӣ, ҷадвали таҷҳизот, тавсифи ихтисосӣ ва модели тибби оилавӣ барои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ таҳия гардидаанд.<br>Дар раванди ислоҳоти хадамоти бистарикунонӣ, сиёсати доруворӣ, идораи захираҳои кадрӣ ва умуман соҳа дигаргунсозиҳои назаррас сурат мегиранд.<br>Бад шудани вазъияти эпидемиологӣ вобаста ба бемориҳои сироятӣ ба қадри кофӣ таъмин набудани аҳолӣ бо оби софи нӯшокӣ алоқаманд аст. Дар айни замон бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои байналмилалӣ ва созмонҳои молиявӣ як қатор лоиҳаҳо ва барномаҳо оид ба беҳтар намудани сифати оби ошомиданӣ дар ҶТ амалӣ мегарданд.<br>Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2003, № 524 «Барномаи мубориза бар зидди бемориҳои сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2010 тасдиқ шуда, то имрӯз аз рӯи дурнамои ДОТС 100 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ ва азон ҷумла, 85 фоизи муассисаҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифта шудаанд, ки бо тамоми маводи доруворӣ ва ташхисотӣ таъмин карда мешаванд.<br>Дараҷаи фавти кӯдакони то сини яксола ва то 5 сола ташвишовар аст. Аз тарафи Вазорати тандурустии ҶТ як қатор Барномаҳои миллӣ ва | беҳтар намудани сифат ва самаранокии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ тавассути ҷорӣ кардани хизматрасонии тибби оилавӣ, такмили барномаҳои дорусозӣ ва огоҳсозии аҳолӣ;<br><br>беҳтар кардани сифати хизматрасонии тиббӣ дар миқёси ҷамоатҳо, рушди ташаббусҳо дар таъмини амнияти модар ва кӯмаки перинаталии самаранок, ҳамгироии барномаҳои сиҳатии модару кӯдак дар барномаҳои тибби оилавӣ ва тандурустии ҷамоавӣ;<br><br>таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияи ислоҳот ва рушди институтсионалии тандурустии ҷамъиятӣ;<br><br>рушди хадамоти тандурустии ҷамоавӣ ва ҷамъиятӣ (КАТС, хадамоти санитарию эпидемиологӣ, марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ва иттилооти тиббӣ) ташкилотҳои ҳукуматию ғайриҳукуматӣ, инчунин ҷомеаи маҳаллӣ бо иштироки аҳолӣ дар сатҳи фардӣ, оилавӣ, ҷамоатҳо, ташкили Шӯрои байнисоҳавии ҳамоҳангсозӣ бо мақсади татбиқу мониторинги барномаҳои | дастрасӣ ба хизматрасониҳо барои табақаҳои камбизоатӣ аҳолӣ;<br><br>таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ, ёрии таъҷилӣ дар заминаи марказҳои сиҳатии деҳот, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ;<br>рушди ҳамгироии кӯмаки аввалия бо сохтору барномаҳои амудию горизонтали соҳаи тандурустӣ;<br>ҳамгироии барномаҳои махсуси амудӣ дар системаи таъмини ёрии тиббӣ, ҳамгироии се ихтисоси асосии тиббӣ (терапия, педиатрия, акушерию гинекологӣ) дар як воҳиди муташаккили кӯмаки аввалияи тиббӣ;<br><br>таҳияи системаи мониторинг ва баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои КАТС;<br><br>гузаронидани доираи васеи чорабиниҳо оиди татбиқи сиёсати маблағгузории соҳаи тандурустӣ (Барномаи заминавии кӯмаки тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии | 4. Сохтмон ва муҷҷаҳазгардонии Маркази миллӣ оид ба назорати ба бемориҳои сирояткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br><br>5. Ба анҷом расонидани сохтмон ва муҷҷаҳазгардонии Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ;<br><br>6. Таҷдид ва муҷҷаҳазгардонии Беморхонаи вилоятии ш. Қурғонтеппа<br><br>7. Рушди хадамоти ҳифзи модару кӯдак дар деҳотбудаи вилояти Суғд;<br><br>8. Рушди хадамоти ҳифзи модару кӯдак дар деҳот будаи ноҳияҳои тобеъи марказ;<br><br>9. Ташкили хадамоти эвакуатсияи фаврии тиббӣ;<br><br>10. Барқарорсозии хадамоти эҳёгарию ҷарроҳӣ ва генекологии таваллудхонаи шаҳрии № 3 ш.;<br><br>11. Таъмири Маркази ҷумҳуриявии клиникии ҷарроҳии дилу раг ва қафаси сина;<br><br>12. Рушди хадамоти шикастабандӣ;<br><br>13. Барқарорсозӣ ва рушди ёрии урологӣ ба аҳолӣ;<br><br>14. Таҷдид ва муҷҷаҳазгардонии Беморхонаи клиники ҷарроҳии кӯдаконаи Раёсати тандурустии |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Т<br>А<br>Н<br>Д<br>У<br>Р<br>У<br>С<br>Т<br>Ӣ | соҳавии паст кардани сатҳи фавти навзодон, кӯдакон ва модарон қабул шудааст, аз он ҷумла: Стратегии ТУТ/ЮНИСЕФ - Бақайдгирии муташаккилонаи бемориҳои синни кӯдакӣ (БМБСК)», барномаи «Мусоидати синамаконӣ» ва Стратегияи ҶТ «Бехатарии модарон». | тандурустии ҷамоавӣ ва ҷамъиятӣ;<br><br>Ислоҳоти системаи маблағгузории соҳаи тандурустӣ;<br><br>Таҳия ва татбиқи Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки тиббию санитарӣ барои ноҳияҳои таҷрибавӣ. | Тоҷикистон);<br>Тартиб додани барномаҳои алоқаи коммуникатсионии муассисаҳои КАТС таҳияю татбиқи механизм, ки ба дастгирии хадамоти КАТС аз тарафи муассисаҳои госпиталӣ тааллуқ дорад. | мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Душанбе;<br><br>15. Рушди кӯмаки акушерию гинекологии статсионарии ш. Душанбе;<br><br>16. Таъсис додани Маркази миллии бемориҳои чашм;<br><br>17. Рушди системаи информатсионӣ ва коммуникатсионии системаи тандурустии ҶТ;<br><br>18. Азнавсозии Маркази вилоятии онкологии шаҳри Хуҷанд;<br><br>19. Дастгирии ислоҳоти хизматрасонии психиатрии махсусгардонида шудаи ҶТ.<br><br>20. Мусоидат дар назорати касалии майнаи сар ва инсулт дар ҶТ;<br><br>21. Ташаккули хизмати махсусгардонидашуда барои беморони касалиҳои шуш;<br><br>22. Таҷҳизонидани Беморхонаи марказии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ;<br><br>23. Таъмир ва модернизатсияи беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан;<br><br>24. Рушди кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои Носири Хусрав ва Темурмалики вилояти Хатлон;<br><br>25. Таъмир ва таҷҳизонидани Бемор- |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ТАНДУРУСТӢ | | | | хонаи вилоятии клиники шаҳри Хуҷанд;<br><br>26. Таъмири асосии шӯъбаҳои Беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент;<br><br>27. Тараққӣ додани хадамоти бордоршавии экстракорпоралӣ;<br><br>28. Мукаммалсозии хадамоти миллии лаборатории ҶТ;<br><br>29. Рушди маҷмӯи хизматрасониҳои тиббии махсусгардонидашуда дар мавзеи сар ва гардан (ҷарроҳии асаб, бемориҳои асаб, чашм, гӯш, гулӯ ва бинӣ);<br><br>30. Рушди хадамоти трансплантология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br><br>31. Расонидани хизматрасонии махсусгардонидашуда ба беморон бо нуқсонҳои ҷоғи боло ва рӯй.<br><br>(б) Грантҳои хурд<br><br>1. Назорати давлатӣ ва стандартикунонии доруҳо;<br><br>2. Таъмини бехатарии хун дар ҶТ;<br><br>3. Рушди хадамоти эндоскопии Маркази миллии ташхис;<br><br>4. Маркази вилоятии гепатологии назди беморхонаи сироятии Раёсати тандурустии мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Суғд<br>. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | (в.) Кӯмаки техникӣ<br><br>1. Таҳияи лоиҳаи сохтмон ва муҷаҳҳаз-гардонии Маркази миллӣ оид ба назорати бемориҳои сирояткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br><br>2. Омода намудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ барои татбиқи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. |

| Соҳа | Маълумоти умумӣ | Вазифа ва стратегияҳои соҳа | Сиёсати соҳа | Лоиҳаҳои афзалиятноки соҳа |
|---|---|---|---|---|
| МЕҲНАТ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОЙ | Сиёсати нафака<br>Вазифаҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъминоти нафақа таҳия намудани чунин пешниҳодҳо маҳсуб меёбанд:<br>- оид ба ташкили сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақа;<br>- оид ба ислоҳот ва рушди низоми таъминоти нафақа;<br>- роҷеъ ба амалӣ намудани таъминоти методӣ ва ташкили корҳо дар самти таъин, бозҳисобӣ, пардохт ва дастрас намудани нафақа ва кумакпулиҳои давлатии иҷтимоӣ;<br>- оид ба таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар робита ба таъсиси фондҳои ғайридавлатии нафақа;<br>- оид ба рушд ва мукаммалсозии низоми давлатии ҳатмӣ ва ихтиёрии суғуртаи иҷтимоӣ;<br>- оид ба назорат аз рӯи пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо, ҳамчунин хароҷоти мақсадноки маблағҳои таъминоти нафақа ҷудошуда маҳсуб меёбад. | | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таҳия гардид.<br>Қонун бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2009, № 284 тасдиқ гардид.<br>Татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ » аз 1 январи соли 2011 оғоз мегардад.<br>Ҳамзамон таҳияи якчанд лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки аз қонуни мазкур бармеоянд, дар мадди назар аст. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар доираи ислоҳоти соҳа бо мақсади мутобиқ намудани низоми таъминоти нафақа ба талаботи замони муосир таҳия гардидааст. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| МЕҲНАТ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ | Ҳифзи иҷтимоӣ<br>Вазифаҳои Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз идоракунии маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ иборат аст. | Фарогирии пурраи аҳолии ҷумҳурӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ, истифодаи мақсаднок ва самарабахши маблағҳо | Рушд ва тақвият бахшидани соҳаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақавӣ | Ҷорӣ намудани системаи баҳисобгирии инфиродии ҳуқуқҳои нафақавии шахсони суғурташуда ба воситаи ташкили системаи автоматикунонидашудаи иттилоотӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| М<br>Е<br>Ҳ<br>Н<br>А<br>Т<br><br>В<br>А<br><br>Ҳ<br>И<br>Ф<br>З<br>И<br><br>И<br>Ҷ<br>Т<br>И<br>М<br>О<br>Ӣ | <u>Хизматрасонии иҷтимоӣ ва имтиёзҳо (кафолатҳои давлатӣ</u><br>Хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолии камбизоат, хусусан ба пиронсолону маъюбон ва ветеранҳои ҷанг яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта, ин масъала дар Барномаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ мавқеи хоса дорад.<br>Дар ҷараёни иҷрои тадбирҳои ҳукуматӣ оид ба беҳтар сохтани некуаҳволии табақаҳои ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд ва паст кардани сатҳи камбизатӣ Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ нақши асосиро мебозад.<br>Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои мазкур тадбирҳои мушаххас андешида, ҳаҷми маблағгузории соҳа сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Низоми идоракунии соҳа ва заминаи ҳуқуқии он низ мустаҳкам гардида, иқтидори кадрию иҷроияи соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар маҷмӯъ рӯ ба беҳбудӣ мегузорад.<br>Сарфи назар аз муваффақиятҳои бадастомада ва динамикаи мусбии нишондиҳандаҳо дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд доранд.<br>Яке аз масъалаҳо ин тафриқа байни андозаи пардохтҳои иҷтимоӣ ва музди меҳнат мебошад. Чунончи, андозаи ҳадди ақали нафақаи кӯдакони маъюб баробари 50 фоизи андозаи ҳадди ақали нафақа ё худ 30 сомониро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, кумакпулиҳои иҷтимоии оилаҳое, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии миёна мехонанд ба андозаи 20-25 сомонӣ дар нимсол муқаррар шудааст. | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| М<br>Е<br>Ҳ<br>Н<br>А<br>Т<br><br>В<br>А<br><br>Ҳ<br>И<br>Ф<br>З<br>И<br><br>И<br>Ҷ<br>Т<br>И<br>М<br>О<br>Ӣ | Иҷтимоӣ<br>Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Назорати давлатии риояи қонунгузории ҶТ дар соҳаи меҳнат, муҳофизати меҳнат, стандартҳо, меъёрҳои бехатарии меҳнат, пардохти музди меҳнат, иҷрои сиёсати шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.<br>Гузаронидани ташхиси шароити меҳнат ва аттестатсияи ҷойҳои корӣ. | Амалии намудани талаботҳои Барномаҳои давлатии Стратегияи милли рушди ҶТ то соли 2015 | Лоиҳаи таъмини заминаи моддӣ- техникии Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.<br>Маблағи дархостшаванда 55 465 доллари ШМА |